# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи даврai муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод шудааст**

Масъалаи худшиносӣ аз мавзуҳои муҳимтарини фалсафа ба ҳисоб рафта, на танҳо донишмандону мутафаккирони бостониву асримиёнагӣ, балки аксари файласуфони муосир ба он таваҷҷуҳ намудаанд. Аз ҷумла, К. Ясперс, Ж.П. Сартр, А. Камю, Н.А. Бердяев ва дигарон масъалаи худшиносиро аз ҳар ҷиҳат (фардӣ, коллективӣ, динӣ, миллӣ ва ғ.) таҳлил намуда, муҳиммияти таҳқиқи онро таъкид менамоянд. Ҳамзамон, вазъияти ҷаҳони муосир, яъне раванди ҷаҳонишавӣ низ тақозо менамояд, ки масъалаи худшиносӣ, аз ҷумла худшиносии миллӣ ба таври ҷиддӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шавад. Зеро таъсири раванди ҷаҳонишавӣ, пеш аз ҳама ба шуури насли муосир асар намуда, метавонад онҳоро ба дараҷаи бегонашавӣ бурда расонад. Бо назардошти ҳамин муҳиммият диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллифи он муҳимияти мавзуи мавриди таҳқиқи худро бо далелҳои мантиқӣ асоснок карда, исбот менамояд, ки таҳқиқи чунин масъалаҳо метавонад дар ташаккули худшиносии насли муосир нақши арзандаи худро гузорад. Албатта, аз лиҳози илмӣ баррасӣ намудани масъалаи худшиносӣ, аз он ҷумла худшиносии миллӣ дар замони муосир мубрамияти тоза касб намудааст, ки инро касе инкор карда наметавонад.

Қисматҳои ҷудогонаи автореферат (дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмет, пойгоҳи методологӣ, мақсаду вазифаҳо, навгониҳо, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда) мувофиқ ба талаботи кори илмӣ

тахия гардида, бо ҳамдигар пайванди мантиқӣ доранд. Маълум мегардад, ки муаллифи автореферат дар таҳияи кори илмӣ иштироки бевосита дошта, ба умқи масъалаи мавриди таҳқиқи хеш сарфаҳм меравад ва онро мустақилона иҷро намудааст. Мулоҳизаҳои диссертант зимни баррасии масоили марбут ба худшиносӣ эҳсос гардида, аз мустақилияти фикрии ӯ дарак медиҳад.

Қисмати асосии кор низ тибқи талаботи муқарраргардида таҳия шудааст. Дар муқаддима мавзуъ асоснок, дараҷаи омӯзиши он муайян, вазифаҳо мушаххас, навгониҳо исбот ва дигар бахшҳо мувофиқи меъёрҳои кори илмӣ ҷо ба ҷо карда шудаанд.

Мазмун ва муҳтавои ду боб ва шаш зербоби диссертатсия дар автореферат оварда шуда, алоқамандии миёни онҳо таъмин ва системанок таҳия гардидаанд. Параграфи якуми боби якум хусусияти методологӣ дошта, хусусияти илмии диссертатсияро боз ҳам қавӣ мегардонад. Шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои “худшиносӣ”, “худогоҳӣ”, “худсозӣ”, “худташаккулдиҳӣ”, “худбаҳодиҳӣ” ва монанди инҳо хуб оварда шуда, ҷиҳати таҳияи параграфҳои минбаъда заминаи мусоиди методологӣ фароҳам овардааст.

Боби дуюми диссертатсия баррасии масъалаҳои назариявӣ ва амалии худшиносиро дар фалсафаи муосир фаро гирифта, муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҷанбаҳои консептуалии масъалаи мазкурро аз дидгоҳи файласуфони муосир таҳлил намуда, арзиш ва аҳамияти падидаи мазкурро барои ҷомеаи муосир мушаххас намояд.

Ҳамин тариқ, таҳлили автореферати диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир» нишон медиҳад, ки вазифаҳои гузошташуда иҷро шудааст ва муаллиф ба ҳадафи гузоштаи худ ноил гардидааст. Навгониҳои пешниҳодшуда ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия алоқаманд буда, асоснок мебошанд. Хулосаҳо ва тавсияҳо

оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо хусусияти илмию амалӣ дошта, фикри муаллифро ҷамъбаст менамоянд.

Бо вуҷуди хусусиятҳои мусбат дар автореферат баъзан эродҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ таҳқиқотҳои олимони ватанӣ камтар оварда шудааст. Аз ҷумла, таҳқиқотҳои М.Шакурӣ, К.Бекзода, А.Раҳнамо ва дигарон.
2. Хатогиҳои имлоию техникӣ.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши корро коҳиш намедиҳанд. Автореферати диссертатсияи Болтаева М.Н. ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои фалсафа,
декани факултети филологияи тоҷики
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ Зикирзода Ҳ.

Суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, н.Сино, маҳаллаи Мехкалон 50,
ҳуҷраи 5/А
Тел.: (+992) 93-585-40-54
E-mail: Hobiljon1981@mail.ru

Имзои Зикирзода Ҳ. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати Кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ А. Мустафозода

Суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj.
_6_ _08_ соли 2025